ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзуи «Системаи методии таълими ҳамгирои фнҳои математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ(фанҳои табии-риёзӣ) 5.3.10.3. Назария ва технологияи таълими информатика.

Муаллифи диссертатсия Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб соли 1995 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси математика ва информатика (рӯзона) хатм намудаст. Баъди хатми донишгоҳ солҳои 1995-1996 муттахассиси маркази ҳисоббарори автобазаи №21 шаҳри Қурғонтеппа ба кор қабул шуд. Солҳои 1996-1999 омӯзгори мактаб интернанти №4 ноҳияи Бохтар (ҳозира Кӯшониён). Солҳои 1999-2002 нозири андози шуъбаи ҳисобот ва ахборот дар ноҳияи Бохтар (ҳозира Кӯшониён). Солҳои 2002-2009 омӯзгори фанни технология иттилоотӣ дар МТМУ №7 ноҳияи Бохтар (ҳозира Кӯшониён). Солҳои 2009-2018 омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ дар Коллеҷи тиббӣ омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ дар Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Қӯронтеппа фаъолият кардааст. Аз 1 сентябри соли 2018 то инҷониб ба сифати асисстенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи (айни замон факултети технологияи рақамӣ ва ҳифзи иттилоот) донишгоҳи таҳсилкардааш ба кор қабул карда мешавад.

Санаи 10-уми сентябри соли 2020 дар асоси талаботи банди 17-уми Низомномаи докторантура (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм ва омодасозии кадрҳои илмии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси унвончӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика қабул карда шуд. Тибқи нақша дар мавзуи «Системаи методии таълими ҳамгирои фнҳои математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) 5.3.10.3.-Назария ва технологияи таълими информатика фаъолият намудааст.

Яке аз масъалаҳои мубраме, ки аз ҳайати педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии калон дорад, дар асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» тарбия намудани мутахассисони касбии насли имрӯза ва донандаи технологияҳои инноватсионӣ

дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои ҷомеаи муосири иттилоотӣ мебошад.

Навгонии илмии асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст маҳз аз тарафи унвонҷӯ Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб, асоснокунии назариявӣ ва тасвиби озмоишии низоми ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ корҳои таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Муаллиф дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқот, равшан кардани муҳимияти мафҳумҳо: «тафаккури педагогӣ», «тарзи фикронӣ», «тафаккури инноватсионӣ», «робитаҳои байнифаннӣ», «амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ» ва «низоми педагогии ташаккули тафаккури инноватсионӣ»; муайян намудани имкониятҳои амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун воситаи самарабахши ташаккули ттафаккури инноватсионӣ дар донишҷӯён; пешниҳод намудани низоми методикаҳои арзёбию ташхисӣ барои муайянсозии сатҳи ташаккули тафаккури инноватсионӣ дар даврaҳои гуногуни рушди шахсияти касбии омӯзгорон; таҳия намудани барномаи муаллифии курси ҳамгироии «Амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ», дастуру тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони МТОК ва тавсияҳо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёнро тартиб додааст ва бо сифати баланд иҷро карда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқот дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги иттилоотии баланд будани худро нишон додааст.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро ду МТОК Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав факултети информатика, «тахассус – омӯзгор», равияи 1-02 05 05 – информатика-математика, 1-08 01 01 01-01 – информатика шумораи умумии донишҷӯёни иштирокнамуда 91 нафар, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ факултети физика математика «тахассус – омӯзгор», равияи 1-02 05 05 – информатика, равияи 1-31 03 03-02 – математикаи амалӣ (фаъолияти илмӣ-педагогӣ) шумораи умумии донишҷӯёни иштирокнамуда 80 нафарро ташкил медиҳад. Дар марҳалаҳои гуногуни таҳқиқот 171 донишҷӯ дар самти омодасозӣ ширкат варзидаанд.

Унвонҷӯ Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб бо истифодаи маводи зиёди илмию амалии аз адабиётҳои илмӣ, китобхонаҳо ва интернет дастрасшамудааш қобилияти иҷро намудани таҳқиқот мувофиқи хоссагиҳои вазифаҳои ҳалшаванда методҳои зерин мавриди истифода қарор ёфтанд: таҳлили назариявӣ-методологии адабиёти психологӣ-педагогӣ, методӣ, сотсиологӣ ва фалсафӣ оид ба масъалаи таҳқиқот; омӯзиши ҳуҷҷатҳои барномавӣ; таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи кори омӯзгорони МТОК; озмоиши психологӣ-педагогӣ

(муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда), мушоҳидаҳои шахсӣ ва ҷустуҷӯҳои озмоишии муаллиф дар раванди кори бевоситаи ӯ дар МТОК; методҳои ташхисӣ (суҳбат, анкетаронӣ, тестиронӣ, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён); методҳои прогностикӣ (амсиласозӣ, методӣ арзёбии экспертӣ), методҳои омори математикиро маврид ба омӯзиш қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, аз ҷумла 2-тояш дар алоҳидагӣ ва 17-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Натиҷаҳои илмии мазкур аз тарафи мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифта, бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд. Дар мустақилона таълиф ва пешбурди кори илмӣ-тадқиқотӣ дар шакли диссертатсия ва ширкати ӯ дар масъалагузориҳои мавзӯъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, бароҳандозии озмоишҳо, таҳлил, тафсия ва ҳамчунин дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада ифода ёфтааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо бутунияти сохтории диссертатсия таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тақиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳо, коркардҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми босазо метавонанд гузоранд. Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ ба воситаи усули амсиласозии компютерӣ дар шакли маҷмӯи барномаҳои таҳияшуда асоснок ва тасдиқ гардидаанд.

Ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машғул шавад. Дар маҷмӯъ Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб метавон ҳамчун корманди илмӣ-педагогии ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазоворбуда тавсиф кард.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментӣ, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошанд ва дар доираи амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «Барномаи ҳукумати электронӣ» тарҳрезӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзуи «Системаи методии таълими ҳамгирои фнҳои математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» ба тамоми талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шиномномаи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика омода гардидааст.

Дар ин радиф меҳисобам, ки диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табии-риёзӣ) 5.3.10.3.– Назария ва технологияи таълими информатика барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст ва худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии мазкур мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори иҷроияи филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе Б.Ф. Файзализода

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1., Тел: (+992) 988-22-00-33;
005-22-00-22; E-mail: b.faizalizoda@msu.tj; www.msu.tj

Имзои Б.Ф. Файзализодаро тасдиқ мекунам
сардори шӯъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-41.
E-mail: info@msu.tj
«27» марта соли 2026